**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктори илмҳои фалсафа, профессор

______________ **Маҳмадизода Н.Д.**
«___»_______________ соли 2025

# ХУЛОСАИ

шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Исмоилова Мадина Исмоиловна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

Диссертатсия дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи аспирант Исмоилова Мадина Исмоиловна дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия шудааст.

Исмоилова Мадина Исмоиловна соли 2008 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ дохил гардида, онро соли 2013 бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм кардааст.

Исмоилова М.И. барои таҳияи диссертатсия аз соли 2013 дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси аспирант фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиро оғоз кардааст.

Мавзуи диссертатсияи аспирант бо қарори Шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон №12/2013 аз 13-уми декабри соли 2013 тасдиқ шудааст.

Шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия оид ба мавзӯи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулоса қабул кард:

***Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.*** Дар шароити муосир ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор дорад. Зеро, он ба дастовардҳои зеҳнӣ, хусусан дастовардҳои технологии замони муосир алоқаманд мебошад. Агар 30 сол пеш шахсоне, ки бо ҳуқуқи вобаста сару

кор доштанд ва соҳибҳуқуқи он ба шумор мерафтанд, ангуштшумор буд, ҳоло бошад, ҳар як нафар на танҳо истифодабаранди чунин объектҳо, балки офарандаи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ҳам буда метавонанд. Зеро ҳар нафаре, ки телефонҳои ҳушманд дорад, имкони сабту навор ва офаридани маводҳои гуногуни зеҳниро дорад. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ, сайтҳо ва дигар сарчашмаҳо шумораи объектҳои ҳуқуқи вобаста рӯз ба рӯз зиёд шуда истодааст. Ҳамзамон бо рушди истифодаи интернет ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт хеле зиёд ба назар мерасанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки интернет шабакаи умумиҷаҳонӣ мебошад ва он хоси як давлат нест. Объектҳои ҳуқуқҳои вобаста маҳз дар сарчашмаҳои интернет бештар ғайриқонунӣ нусхабардорӣ карда шуда, паҳн мегарданд. Аксарияти меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста замоне эҷод шуда буданд, ки ин технологияҳо набуданд. Айни ҳол тавассути меъёрҳои зикршуда бо қонуншиканҳои дар фазои интернетӣ ба вуҷудоянда мубориза бурдан душвор аст. Яъне табиати ҳуқуқии ин қонуншиканиҳо тақозо менамояд, ки ҳуқуқшиносон меъёрҳои хоси онро коркард ва пешниҳод намоянд.

Табиист, ки баробари рушди технология, офаридан ва паҳн кардани объектҳои ҳуқуқҳои вобаста, саволҳои ҳуқуқӣ ва ниёз ба танзимнамоӣ афзуда истодааст. Дар айни замон вазъу ҳолати назариявии ҳуқуқҳои вобаста мухталиф ва гуногунҷабҳа мебошад ва он боис мегардад, ки асосҳои ҳуқуқиаш таҷдид ва такмил шаванд.

Баъзе ҳуқуқҳои вобастаи мавҷудбуда, дар қонунгузории амалкунанда такрор шудаанд ва муқаррароти ба онҳо бахшидашуда комил нест, ки дар натиҷа номуайянӣ дар назария ва мушкилот дар амалияи ҳифзи ҳуқуқро ба вуҷуд меорад.

Дар байни муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва илми сивилистика роҷеъ ба мафҳум ва моҳияти ҳуқуқҳои вобаста андешаи ягона вуҷуд надорад. Ҳатто ибораи “ҳуқуқҳои вобаста” дар қонунгузорӣ бо таври комил тарҷума нашудааст (он аз забони русӣ (смежные права) ҳамчун “ҳуқуқҳои вобаста ба он” тарҷума шудааст, ки фаҳмиши масъаларо коҳиш медиҳад.

Дарки дурусти моҳияти ҳуқуқии онҳо дар сатҳи назариявӣ, ки аз таҳлили қонунгузорӣ ва амалия бар меояд, имкон медиҳад, ки онҳо дар сатҳи меъёрӣ ба таври бояду шояд ба танзим даровarda шаванд, ки дар оянда ҳифзи зарурии ҳуқуқҳои вобастаро таъмин карда тавонанд.

Вобаста ба ҳолатҳои дар боло зикршуда, зарурати таҳқиқоти мавзуи интихобшуда ва пешниҳодҳои дахлдор оид ба мукаммалнамоии танзими лозимаи онҳо тақозои замон дар шароити ҳозира мебошад.

Нуктаҳои зикршуда мубрамияти масъалаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро асоснок менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Асосҳои ҳуқуқӣ-назариявии ҳуқуқҳои вобаста на танҳо аз ҷониби мутахассисони соҳаи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста, балки олимони соҳаи ҳуқуқи маданӣ, махсусан

мутахассисони дигар соҳаҳои ҳуқуқ дар умум мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба масъалаи ҳуқуқҳои вобаста, гарчанде таҳқиқоти бунёдии мукаммал ба анҷом расонида нашуда бошад, ҳам ин маънои онро надорад, ки куллан масъалаи мазкур аз нуқтаи назари олимони кишварамон дур монда бошад. Аз ин рӯ мо метавонем натиҷаи илмии муҳаққиқони мазкури ватаниро ёдовар шавем: В.И. Корецкий, Ш.Т. Тағойназаров, Ш.М. Менглиев, Ш.К. Ғаюрзода, У.А. Меликов, Б.Р. Расулов, И.Г. Ахмеджанов, А.А. Абдуллоев, М.А. Қодирзода зикр намоем, ки роҷеъ ба паҳлуҳои ҳамҷавори самти мазкур таҳқиқотҳои алоҳидаро ба анҷом расонидаанд. Аммо, чуноне ёдрас шудем, таҳқиқоти комплексӣ дар сатҳи рисолаи илмӣ доир ба мавзуи мазкур то ҳол вуҷуд надорад.

Солҳои охир ҳуқуқҳои вобаста махсусан аз тарафи мутахассисони ИДМ дар доираи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ низ таҳқиқ шудаанд. Дар ҷодаи мазкур мо метавонем, ки ба сифати натиҷаҳои бунёдии самти мазкур дар солҳои охир натиҷаҳои таълимию илмии муҳаққиқон ба монанди М.К. Добоволская, К.А. Дубаренко, В.С. Добровольский ва монанди инҳоро қобили зикр шуморем.

Қобили таваҷҷуҳ будани таҳқиқоти мазкурро мо метавонем аз натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқони зерин: В.В. Брилев, О.Ю. Волков, Ф.А. Музик, А.Ю. Кувирковой, Н.И. Федоскиной, Т.Б. Тулегенова, Е.В. Якубовой баръало мушоҳида намоем, ки онҳо яке аз заминаҳои илмии муосирро дар ҷодаи мазкур ташкил намудаанд.

Албатта, рисолаҳои илмии олимони боло ишорагардида дар баробари муҳимияти худ, инчунин ҷабҳаҳои баҳснок низ доранд, ки ҳолати мазкурро дар вақти таҳлил ва омӯзиши он мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар сатҳи байналмилалӣ танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста аз нимаи асри XX ҷой дошт ва дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бошад, ба ин соҳа таваҷҷуҳ ва эътибори хоссае зоҳир карда намешуд, онҳо танҳо дар Асосҳои қонунгузории граждании Иттиҳоди ҶШС ва ҷумҳуриҳо аз 31 майи соли 1991 муқаррар карда шуда буд. Дар таҷрибаи танзими расмӣ-ҳуқуқии муносибатҳо дар самти ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13 ноябри соли 1998, № 726 қабул карда шудааст. Маҳз аз ҳамин давра механизмҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо оид ба ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави рушдро оғоз намуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Диссертатсия дар илми ҳуқуқи мадании тоҷик ҳамчун таҳқиқоти нахустини комплексӣ ва монографӣ бахшида ба ҳуқуқҳои вобаста дар Тоҷикистон мебошад.

Дар он ҳуқуқҳои вобастаи нав, ки айни замон дар ҷомеаи ҷаҳон эътироф шудааст, аммо дар кишвари мо он дар қонунгузорӣ муқаррар нашудааст, баррасӣ гардида, ҷиҳати такмили қонунгузорӣ пешниҳодҳо манзур гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад.

Ҳамзамон, натиҷаҳои илмию амалии рисоларо муллиф дар такмили қонунгузории маданӣ, хусусан ҳангоми фаъолият дар шуъбаи ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Моҳияти назариявии таҳқиқот дар ташаккули нигоҳи нав ба табиати ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ мебошад, ки дар назарияи умумии ҳуқуқ ва назарияи ҳуқуқи муаллифӣ метавон мавриди истифода қарор дода шаванд. Натиҷаҳои ба даст омада, муқаррарот ва хулосаҳои дар таҳқиқоти илмӣ ифодашуда, метавонанд таълимотро доир ба ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ васеъ кунанд, боиси азхудкунии назариявии аҳамияти асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии онҳо шавад ва ба тавсияҳои илми ҳуқуқи маданӣ таъсир расонад, ки ба қонунгузор ва амалияи судӣ роҷеъ ба бунёди табиати ҳуқуқӣ, низом, мазмун ва ҳимояи ҳуқуқҳои таҳқиқшаванда ҳавола карда шудаанд. Натиҷаҳои зикршуда метавонанд дар таҳқиқотҳои минбаъда роҷеъ ба ҳуқуқҳои вобаста татбиқ карда шаванд.

Дар диссертатсияи мазкур ғояҳои муосири илмии ба мавзуи таҳқиқ вобастабуда, ки пештар аз ҷониби дигар муҳаққиқон ҳангоми таҳлили масъалаҳои ҳуқуқҳои вобаста мавриди истифода қарор дода нашудаанд, пешниҳод карда мешаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот, пеш аз ҳама бо татбиқи амалии кор, ки бевосита ва ё бавосита тавассути таъсир ба назарияи (таълимот) илмии ҳуқуқи маданӣ дар кор аз болои муқарраротi нави қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқҳои вобаста, инчунин дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судҳо, ифода меёбад.

Пешниҳодоти дар кор овардашуда то ба дараҷаи тавсияҳои мушаххас расонида шудаанд ва минбаъд онҳоро метавон ҳам ҳангоми коркард ё такмили санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар корҳои амалии мақомотҳои судӣ мавриди истифода қарор дод.

Ин маводҳо ҳамчунин ҳангоми коркарду таҳияи курсҳои таълимӣ, барномаҳо ва гузаронидани машғулиятҳо дар муассисаҳои олии таълимӣ роҷеъ ба масоили ҳуқуқҳои вобаста, метавон татбиқ намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар воқеӣ будани дониши ҳосилшуда, пайдарҳамию мантиқӣ будани таҳқиқот, усул ва вазифаҳои он, инъикоси илмии масъалаҳои марбути ҳуқуқҳои вобаста, таҳлили захираҳои илмию амалии соҳавӣ, амалисозии натиҷаҳои он, ҳамзамон мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои муқарраршуда, ифода мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар шӯъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи

Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст. Мазмуну мундариҷаи асосӣ, натиҷаҳо ва маводҳои таҳқиқоти мазкур дар мақолаҳо ва корҳои илмии муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар интишор гардидаанд. Ҳамзамон, масъалаҳои дар рисолаи мазкур баррасигардида ҳангоми такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардидаанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он диссертант 1 монография, 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Аз ҷумла,

**I. Монографияҳо:**

**[1–М].** Исмоилова, М.И., Қодирзода, М.А., Одиназода, Ш.Х. Танзими ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (монография) [Матн] / М.И. Исмоилова, М.А. Қодирзода, Ш.Х. Одиназода. – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2022. – 170 с.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[2–М].** Исмоилова М.И. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории ИДМ [Матн] // Қонунгузорӣ. – 2016. №3 (23). – С. 82-86. ISSN 2410-2903

**[3–М].** Исмоилова М.И. Процесс формирования и совершенствования законодательных актов по защите смежных прав в Республике Таджикистан [Матн] // Қонунгузорӣ. – 2018. №2 (30). – С. 30-38. ISSN 2410-2903

**[4–М].** Исмоилова М.И. Проблемы международной и национально-правовой охраны смежных прав [Текст] // Қонунгузорӣ. – 2020. №4 (40). – С. 33-38. ISSN 2410-2903

**[5–М].** Исмоилова М.И. Проблемы регулирования объектов смежных прав среди объектов интеллектуальной собственности [Текст] // Қонунгузорӣ. – 2021. №2 (42). – С. 31-37. ISSN ISSN 2410-2903

**[6–М].** Исмоилова М.И. Понятие и общая характеристика смежных прав по законодательству Республики Таджикистан [Текст] // Ҳаёти ҳуқуқӣ. Правовая жизнь. – 2020. №4 (32). – С. 189-199. ISSN 2307-5198

**[7–М].** Исмоилова М.И. Проблемы международной и национально-правовой охраны смежных прав. [Текст] // Юридическая наука: история и современность. – 2020. №11. – С. 154-162. ISSN 2218-7170

**[8–М].** Меликов У.А. Исмоилова М. И. Телерадиопередачи как объект смежных прав. [Текст] // Қонунгузорӣ, – 2022 – №3 (47). С.24-28; ISSN 2410-2903

**[9–М].** Исмоилова М.И. Проблемы международной и национально-правовой охраны смежных прав. [Текст] // Қонунгузорӣ. – 2023. №1 (49). – С. 47-53. ISSN 2410-2903

**III. Интишороти дигари илмӣ, таълимӣ ва тафсирҳои довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**[10–М].** Исмоилова М.И. “Мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” (бо забони русӣ) конференсияи IX илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони “Потенсиали инноватсионии рушди илм дар замони муосир” – Уфа, Федератсияи Россия, 21 июни соли 2022. 258 с. – С. 178-183 К 303-0;

**[11–М].** Исмоилова М.И. “Асосҳои ҳуқуқии танзимкунии ҳуқуқҳои вобаста ба Ҷумҳурии Тоҷикистон” (бо забони англисӣ) конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони “Ҷанбаҳои глобалӣ ва минтақавии рушди устувор”, – Копенгаген (Дания), 6-8 июли соли 2022. 339 с. – С. 148-155 ISBN 978-87-615-0721-1;

**[12–М].** Исмоилова М.И. “Иҷро ва ба саҳнагузорӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста” (бо забони англисӣ) дар маҷмӯи мақолаҳои конференсияи XII илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони “Таҳқиқоти илмӣ дар асри XXI”, – Оттава (Канада), 16-18 июли соли 2022. 457 с. – С. 183-190 ISBN 978-0-458-20903-3;

**[13–М].** Исмоилова М.И. “Фонограмма ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он” конфернсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқ, ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ” – Бостон (ИМА), 7-8 июли соли 2022. 52 с. – С. 13-20 ISBN 978-1-64655-129-3;

**[14–М].** Исмоилова М.И. “Баъзе масъалаҳои оид ба амалигардонии ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн] / М.И. Исмоилова // Мутодологияи танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ: назария ва амалия. Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ. – Душанбе, 17 июни соли 2022. 162 с. – С. 75-82 ISBN 978-99975-74-56-6;

**[15–М].** Исмоилова М.И. “Тавсифи умумии намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” конфернсияи байналмилалии илмӣ- амалӣ таҳти унвони “Проблемаҳои рушди илми муосир” – Алмаато (Қазоқистон) 15-16 июли соли 2022. 366 с. – С. 75-78 ISI 2019-0.172.

Мақолаҳои интишорнамудаи аспирант дар умум тамоми ҷанбаҳои таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро доир ба мавзуи ҳуқуқҳои вобаста ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ гузаронидашударо дар бар мегирад.

Мазмуну мундариҷаи асосӣ, натиҷаҳо ва маводҳои таҳқиқоти мазкур дар мақолаҳо ва корҳои илмии муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар интишор гардидаанд.

Аз ҷумла:

- конференсияи IX илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони “Потенсиали инноватсионии рушди илм дар замони муосир” маърӯза дар мавзуи “Мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Уфа, Федератсияи Россия, 2022);

- конференсияи илмӣ-назариявӣ ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ маърӯза дар мавзуи “Баъзе масъалаҳои оид ба амалигардонии ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе, Тоҷикистон, 2022);

конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони “Ҷанбаҳои глобалӣ ва минтақавии рушди устувор” маърӯза дар мавзуи “Асосҳои ҳуқуқии танзимкунии ҳуқуқҳои вобаста ба Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Копенгаген, Дания, 2022);

- конференсияи XII илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони “Таҳқиқоти илмӣ дар асри XXI” маърӯза дар мавзуи “Иҷро ва ба саҳнагузорӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста” (Оттава, Канада, 2022);

- конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони “Масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқ, ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ” маърӯза дар мавзуи “Фонограмма ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он” (Бостон, ИМА, 2022);

- конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони “Проблемаҳои рушди илми муосир” маърӯза дар мавзуи “Тавсифи умумии намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Алмаато, Қазоқистон, 2022).

**Ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилова Мадина Исмоиловна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33 -35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дигар соҳаҳои ҳуқуқ аҳамият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди муносибатҳои одатҳои муомилоти маданӣ дар кишвар мубрам мебошад.

Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия дар раванди таълими ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории муосир дар Тоҷикистон, дар дигар соҳаҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва фаъолияти мақомотҳои ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиққкунанда ва навиштани диссертатсияҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии

муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд.

Ҳамин тариқ, Исмоилова Мадина Исмоиловна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ мебошад.

Дар заминаи гуфтаҳои болозикр, шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **қарор кард:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯи дараҷаи илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Исмоилова Мадина Исмоиловна дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ба талаботи муқарраргардида пурра ҷавобгӯ ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ сазовор аст.

2. Диссертатсияи унвонҷӯи дараҷаи илмӣ Исмоилова Мадина Исмоиловна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ тавсия карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Ба овоз монда мешавад: "тарафдор__6__нафар", "зид__нест__", "бетараф__нест__", хулоса якдилона қабул карда шуд. Асос: протоколи ҷаласа № 7 аз 23 сентябри соли 2025 мебошад.

**Раиси ҷаласа:**
мудири шуъбаи ҳуқуқи хусусии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва
ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ А. Абдуҷалилов
23.09.2025

**Котиби ҷаласа:**
Лаборанти калони шуъбаи ҳуқуқи хусусӣ Ф.Латипова

Имзоҳои А. Абдуҷалилов
ва Ф.Латипова-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
ИФСҲ-и АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.